# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ ба диссертатсияи Кароматуллои Юсуф дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология

Комиссияи экспертӣ дар заминаи шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ оид ба диссертатсияи Кароматуллои Юсуф дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа» дар ҳайати се нафар интихоб карда шуданд:

1. Мамадризохонов Акбар Алихонович – узви шуро, доктори илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология, раиси комиссия;

2. Лоиқзода Мустафо Лоиқ – узви шуро, номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология, аъзои комиссия;

3. Муродзода Аброр Аҳрор – узви шуро, номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.26. Геология, ҷустуҷӯ ва иктишофи канданиҳои фоиданоки сахт, минерагения, аъзои комиссия.

Мавзуи кори диссертатсионии Кароматуллои Юсуф актуалӣ буда, дар он омӯзиши ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Инчунин, мӯҳтавои диссертатсия муайян намудани хусусиятҳои геоэкологии майдони конҳои ангишти минтақаи нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор дар давраи истихроҷ ва коркарди ангишт, ки ба тағйирёбии ландшафт, релеф, орогидрография ва олами наботот дучор гардидааст.

Барои дар амал ҷорӣ намудани мақсадҳои дар пешгузошташуда ҳалли вазифаҳои зерин дар назар дошта шудааст.

- омӯзиши хусусиятҳои геоморфологии минтақаи таҳқиқотӣ;
- азхудкунии хусусиятҳо ва ҷанбаҳои гидрометеорологии минтақа;
- таҳлилҳои лабораторӣ барои ошкор намудани таркиби кимиёвии обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ;

- муайян намудани ҷанбаҳои геоэкологии минтақаи таҳқиқотӣ ҳангоми таъсири техногенӣ;
- муайя кардани вазъи орогидрографии минтақа;
- тартиб додани харитаҳои муҳандисӣ-геоэкологӣ ва табиӣ;
- омоданамоии чораҳои ҳифзкунандаи табиӣ оид ба беҳбуд бахшидан ба фазои геоэкологии минтақаи таҳқиқотӣ.

**Нововарии илмии** натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷанбаи назариявии нововарии таҳқиқот усулҳои таҳлилӣ, оморӣ, эътимоднокии натиҷаҳо, мушоҳида, натиҷаҳои экспедитсияҳои илмӣ-таҳқиқотӣ имконият доданд, ки аввалин бор хусусиятҳои шароити геоэкологии минтақаи истихроҷ ва коркарди конҳои ангишт ошкор ва муқаррар карда шуданд; бори аввал хавфҳои геологӣ вобаста ба фаъолияти техногении истихроҷ ва коркарди конҳои ангишт арзёбӣ гардидаанд; аввалин маротиба харитаҳои хавфҳои табиӣ-геоэкологӣ ва арзёбии таъсирбахшии онҳо ба муҳити геоэкологӣ тартиб дода шуданд; чораҳо ва тавсияҳо доир ба паст кардани таъсиррасонии хавфҳои табиӣ, экологӣ ва техногенӣ таҳия карда шуданд.

**Мавзуи кори диссертатсионӣ ба шиносномаи тахассуси** илмӣ асоснок буда, таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 1.6.32. Геоэкология мувофиқат мекунад:

3. Арзёбии ҳолати реҷаи обии ҳудудҳо ва оқибатҳои геоэкологии тағйирёбии он вобаста ба тағйирёбии андозаҳои иқлим. Таҳлили геоэкологии таъсири танзими ҷараёни дарёҳо ба экосистемаҳои обӣ, соҳилӣ-обӣ ва заминӣ, инчунин асосноккунии роҳҳои ҳифз ва барқарорсозии экосистемаҳои обӣ ва заминӣ.

14. Динамика, механизм, омилҳо ва қонуниятҳои рушди равандҳои хатарноки табиӣ ва технотабиӣ, пешгӯии рушди онҳо, арзёбии хатар ва хавф, идоракунии хавф, чораҳои пешгирикунанда барои коҳиш додани паёмадҳои равандҳои фалокатбор, ҳифзи муҳандисии ҳудудҳо, биноҳо ва иншоот.

17. Ҷанбаҳои геоэкологии рушди устувори минтақаҳо.

18. Арзёбии геоэкологии ҳудудҳо. Усулҳои муосири харитасозии геоэкологӣ, системаҳои иттилоотӣ дар геоэкология. Таҳияи асосҳои илмии экспертиза ва назорати давлатӣ дар соҳаи экологӣ.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсия. Натиҷаҳои илмӣ-амалӣ, хулоса ва тавсияҳои дар рисолаи диссертатсионӣ оварда, пурра асоснок ва дақиқ карда шудаанд. Ҳамчунин, дар сатҳи асосӣ бо назардошти дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани корҳои саҳроӣ ва таҷрибавӣ

иҷро гардидаанд. Усулҳои таҳлилӣ ва оморӣ эътимоднокии натиҷаҳоро таъмин мекунад.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои гуногуни байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр шудаанд: Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Муаммоҳои пайдоиши конҳои кандании фоиданоки эндогенӣ», ДМТ, соли 2021; Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Муаммоҳои экологии минтақаҳои табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, соли 2021; Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Проблемаҳои геология ва коркарди конҳои канданиҳои фоиданок» бахшида ба “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040), ДМТ, соли 2024; Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Тағйирёбии иқлим: пиряхҳо ва захираҳои обии Осиёи Миёна», МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», соли 2024; Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масоили геологӣ: дурнамо ва рушди соҳа», Донишгоҳи давлатии Данғара, соли 2024; Конфренсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Пиряхҳои Тоҷикистон – манбаи захираи обҳои Осиёи Марказӣ дар шароити тағйирёбии иқлим», ДМТ, соли 2025.

Комиссия таҳқиқоти диссертатсияи унвонҷӯ Кароматуллои Юсуфро омӯхта, мавриди баррасӣ қарор дод ва чунин мешуморад, ки он кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби унвонҷӯ дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Таҳқиқот ба ҳадафҳои асосии Стратегияву Барномаҳои давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҷеъ ба мувофиқ гардонидани натиҷаҳои илмҳои табиӣ ба воқеияти объективӣ созгор мебошад.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати мазкур аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология мутобиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар 14 интишороти унвонҷӯ инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 7 ададашро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

тақризшаванда, ташкил медиҳанд, 7 адади он дар дигар нашрияҳо ва маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ ба чоп расидаанд.

Миқдор ва сифати мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаи довталаб ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, таҳти №295) пурра ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология тавсия карда мешавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Кароматуллои Юсуфро дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Кароматуллои Юсуф дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология дар заминаи шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 1.6.32. Геоэкология мувофиқат доранд ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

– Гулаҳмадзода Аминҷон Абдуҷаббор – доктори илмҳои техникӣ, директори Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ;

– Фозилов Ҷивоншо Нурович – номзади илмҳои геологию минералогӣ, дотсент, мудири кафедраи минералогия ва петрографияи факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои биологӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Мамадризохонов А.А.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои геологию минералогӣ,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Лоиқзода М.Л.

номзади илмҳои геологию минералогӣ,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Муродзода А.А.

Имзои Мамадризохонов А.А.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии
Хоруғ ба номи М.Назаршоев — Сайдраҳмонов Н.С.
«03» __04__ соли 2026.

Имзои Лоиқзода М.Л.-ро тасдиқ мекунам:
Нозир оид ба кадрҳои Институти
геология, сохтмони ба заминҷунбӣ
тобовар ва сейсмологияи АМИТ — Сайдалиева М.
«04» __04__ соли 2026.

Имзои Муродзода А.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Шодихонзода Э.Ш.
«04» __04__ соли 2026.